**Нақшаи обёрии пахта.**

Хосилнокии растаниҳои хоҷагии қишлок то ба андозаи муайан аз дуруст офаридани режими обу- ҳавои хок дар қабати ҷойгиршавии реша вобаста мебошад, ки он бо режими муносиби объёрӣ таъмин карда мешавад. Мълум аст, ки аз ҳад зиед ва ҳам нокифоя обёрӣ намудани растаниҳои хоҷагии қишлоқ ин ба паст шудани ҳосил оварда мерасонад. Дар вакти нокифоягии обёрӣ хушкшавии ниҳолхо ва дар вақти аз ҳад зиёд обёрӣ ботлқшавӣ ва шӯршавии замин мушоҳида карда мешавад. Аз ҳамин сабаб истифодабарии об барои обёри катъиян нисбати талаботи нихолхо мувофиқ гардонида шавад, ки он шароити хубро барои ба даст даровардани ҳосили баланд фароҳам меорад.

Дар ин мақола ба деҳқонон якчанд маслиҳатҳо нисбати нақшаи объёрӣ (мӯҳлат, меъёр, давмнокии оберӣ) пахта ва ҳам дарозии оптималии ҷуякҳои обёришавандаи заминҳои пахтазор маслиҳатҳо дода мешавад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки режими объёрии ниҳолҳо, вобаста аз талаботи онҳо ба об дар давраҳои нашунамо ва ҳам нисбати намуд, таркиби гранулометрии хокҳо ва чуқурии сатҳи обҳои зеризаминӣ, таъғир меёбад ва гуногун мебошад.

Хокҳои вилояти Суғд аз ҷиҳати таркиби гранулометрӣ ба хокҳои санглох, сабук (кумнок) миена ва вазнини гилӣ ва аз ҷиҳати ҷойгиршавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ба автоморфӣ (чуқурии оби зеризаминӣ зиёда аз 3 метр), ним гидроморфӣ (2-3метр) ва гидроморфӣ оби зеризамини наздик (1-2метр) ҷудо мешаванд.

Режими обёрии пахтаи миёнанах барои ноҳияхои вилояти Суғд дар ҷадвалхо нишон дода шудааст.

Намнокии хок барои муайн намудани муҳлати обьёрӣ то гулкунии пахта 70-75%, дар давраи гулкунӣ - ҳосилбандӣ 70% ва дар давраи пазиш 65% бояд бошад. Барои муайян намудани намии хок якчанд усулҳо мавҷуд мебошанд. Барои деҳқонон роҳи муайян намудани он чунин аст:

1. Агар хоки дар даст фишурда шуда якҷоя нашавад, тит истад, намнокии хок аз 70% кам ва дар вакти ба замин афтодан тит нашавад аз 70% зиёд мебошад.
2. Ранги сабзи баланди барги ниҳоли пахта, набудани қирсос дар вақти шикастани рагхати миёнаи барг, баланд ҷойгиршавии гул зарурияти талабот ба об ва муҳлати объёрӣ мебошад.
3. Дарозии банди бугум бояд аз 4,5 то 5,5 см –ро ташкил дихад, ки кӯтохшавии он нимхушкшавии заминро ва дарозшавӣ то 6-8 см объёрии аз хад зиёдро нишон медихад.
4. Афзоиши миёнаии шабонарузии танаи асосии нихол бояд дар давраи шонабандӣ 0,3-0,5 см, гулкунӣ 0,8-1,5 см ва дар давраи хосилбандӣ 0,5-0,8 см -ро ташкил диҳад.

Барои якхелла намнок шудани замини пахтазор бояд дарозии оптималии ҷуякҳои обёришаванда интихоб карда шавад, ки он аз нишебии майдон вобастаги дорад: дар заминҳои нишебиашон калон дарозии чуякҳо 30-40 метр; нишебиашон миёна 60-70 метр; нишебиашон майда 80 – 85 метрро ташкил диҳад

Дар баробари риоя намудани режими обьёрӣ сарфа ва самаранокии оби истифодашуда роли муҳимро мебозад, ки барои он дар мӯҳлати отптималӣ гузаронидани нармкунии байникатории замин бо воситаи трактор зарур аст. Дар

ин ҳолат кандашавии копилярҳои хок ба вуҷуд омада бухоршавии об аз сатҳи замин боздошта мешавад. Гузаронидани муҳлати нармкунӣ пас аз объёрӣ ба вуҷуд омадани кулуххо, кандашавии муякрешаҳои ниҳол ва пастшавии ҳосил оварда мерасонад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки оби барои объёрӣ истофода мешуда арзиш дорад ва он барои обҳои худҷоришаванда 1,77 дирам барои як мукааб метр ва барои оби бо насосҳо дода шаванда 2,82 барои як мукааб метрро ташкил медиҳад. Аз ин ҷиҳад самаранок истифода бурдани об  сарфаи маблағи дехкон мебошад. Ғайр аз он ҳар як деҳқон бояд миқдори оби барои обьёрӣ гирифтаи худро донад ва ҳисоб карда тавонад, ки он зарурияти шинонидани воситаҳои обченкуниро талаб менамояд. Воситахои асосии обченкуни барои майдонхо инхоянд: обченкунаки «Чипполета», «Томсон», «САНИИРИ» ва ғайра.

**Режими обьёрии пахтаи миёнанах барои ноҳияҳои Ашт, Конибодом, Исфара, Б.Гафуров ва Зафарободи Вилояти Суғд**

| Намуд ва таркиби хок | Сатҳи оби зеризаминӣ | Микдори обьёрӣ | Таксимоти об дар даврахои нашунамои ниҳоли пахта | | | | | | Меёри умумии обьёрӣ, м3/га |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | То гулкунӣ | | Гулкунӣ-ҳосилбандӣ | | Давраи пазиш | | |
| | | | Микдори обьёрии | меёри обьёрӣ, м3/га | Микдори обьёрӣ | меёри обьёрӣ, м3/га | Микдори обьёрӣ | меёри обьёрӣ, м3/га | |
| Хокҳои камқувати саглохиашон миёна ва регии пурқувват | Хокҳои автоморфӣ чуқурии оби зеризаминӣ зиёда аз 3 метр | 14-16 | 6-7 | 550-650 | 6-7 | 700-750 | 2 | 700-750 | 10700 |
| Хокҳои қуваташ миёна ва саглохиаш  ками гилхоки сабук | | 10-11 | 4-5 | 700-800 | 5-6 | 1000-1100 | 1 | 900-950 | 10200 |
| Хокҳои пурқувати гилӣ, гилхокиаш миёна ва вазнин | | 8-9 | 3 | 900-1150 | 4-5 | 1300-1350 | 1 | 1150 | 9750 |
| Хокҳои регӣ ва регхоки қуваташон гуногун | Хокҳои нимгироморфӣ чуқурии оби зеризаминӣ  2- 3 метр | 11-12 | 4-5 | 750-900 | 5-6 | 900 | 1-2 | 850 | 10500 |
| Хокҳои пурқувати гилхоки сабук, миёнаи таркибаш якхела ва гилхоки вазнини поёнаш сабук | | 7-8 | 3 | 800-900 | 4-5 | 950 | 1 | 900 | 7300 |
| Хокҳои пурқувати гилхоки вазнин и таркибаш гуногун | | 5-6 | 2 | 1300 | 3 | 1500 | 0-1 | 1450 | 8750 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хокҳои реги ва регхоки қуваташон гуногун | Хокҳои гироморфӣ чуқурии оби зеризаминӣ 1-2 метр | 11-12 | 4-5 | 750-900 | 5-6 | 900 | 1-2 | 850 | 10500 |
| Хокҳои пурқувати гилхоки сабук, миёнаи таркибаш якхела ва гилхоки вазнини поёнаш сабук | | 7-8 | 3 | 800-900 | 4-5 | 950 | 0-1 | 900 | 7300 |
| Хокҳои пурқувати гилхоки вазнини таркибаш гуногун | | 5-6 | 2 | 1300 | 3 | 1500 | 0-1 | 1450 | 8750 |

**Режими обьёрии пахтаи миёнанах барои ноҳияҳои Мастчоҳ, Спитамен ва Ҷб. Расулови вилояти Суғд**

| Намуд ва таркиби хок | Сатхи оби зеризаминӣ | Микдори обьёрӣ | Таксимоти об дар давраҳои нашунамои ниҳоли пахта | | | | | | Меёри умумии обьёрӣ, м3/га |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | То гулкунӣ | | Гулкунӣ-ҳосилбандӣ | | Давраи пазиш | | |
| | | | Микдори обьёрӣ | меёри обьёрӣ, м3/га | Микдори обьёрӣ | меёри обьёрӣ, м3/га | Микдори обьёрӣ | меёри обьёрӣ, м3/га | |
| Хокҳои камқувати саглохиашон миёна ва регии пурқувват | Хокҳои автоморфӣ чуқурии оби зеризаминӣ зиёда аз 3 метр | 12-13 | 4-5 | 600-700 | 6 | 700-750 | 2 | 600 | 8100 |
| Хокҳои қуваташ миёна ва саглохиаш ками гилхоки сабук | | 9-10 | 3-4 | 700-800 | 4-5 | 900-100 | 1-2 | 800-850 | 7750 |
| Хокҳои пурқувати гилӣ, гилхокиаш миёна ва вазнин | | 7-8 | 2-3 | 900-100 | 3-4 | 1100-1350 | 1 | 800-850 | 7350 |
| Хокҳои регӣ ва регхоки қуваташон гуногун | Хокҳои нимгироморфӣ чуқурии оби зеризаминӣ 2- 3 метр | 10-11 | 3-4 | 750-850 | 5-6 | 850-900 | 1 | 650-750 | 7950 |
| Хокҳои пурқувати гилхоки сабук, миёнаи таркибаш якхела ва гилхоки вазнини поёнаш сабук | | 6-7 | 2-3 | 700-800 | 3-4 | 800-850 | 1 | 750-800 | 5500 |
| Хокҳои пурқувати гилхоки вазнини таркибаш гуногун | | 5-6 | 2 | 1150-1300 | 3 | 1450-1500 | 1 | 100-1100 | 6600 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хокҳои регӣ ва регхоки қуваташон гуногун | Хокххои гироморфӣ чукурии оби зеризаминӣ 1-2 метр | 10-11 | 3-4 | 750-850 | 5-6 | 850-900 | 1 | 650-750 | 7950 |
| Хокҳои пурқувати гилхоки сабук, миёнаи таркибаш якхела ва гилхоки вазнини поёнаш сабук | | 6-7 | 2-3 | 700-800 | 3-4 | 800-850 | 0-1 | 750-800 | 5500 |
| Хокҳои пурқувати гилхоки вазнини таркибаш гуногун | | 5-6 | 2 | 1150-1300 | 3 | 1450-1500 | 1 | 100-1100 | 6600 |

**Директори ташкилоти чамъиятии «Мушовири Ирригатсионни Аграрӣ»**
**номзади илми хоҷагии кишлоқ, дотцент Исамутдинов Сайфулло Икромович.**